Ф А Р З И Н

# ШЕЪРИ ШАБНАМ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ф-67

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

**Фарзин. Шеъри Шабнам** (маҷмуаи ашъор).
– Душанбе, «Адиб», 2012, 168 саҳ.

Китоби нави Фарзин (Маҷнуни Карим) фарогири шеърҳои тозаи ӯст. Шоир ба мавзӯи муҳаббати баланди инсонӣ содиқ мондааст. Сухани шоири соҳибзавқ дар ин мавзӯи куҳан тозагиву таровати хоса дошта, бо дақиқии баён, ҳадафҳои шоиста ва эҳсосоти баланди шоирона олами андешаҳои ӯро ҷилову намои тоза бахшидааст.

ISBN 978-99947-2-184-9

© Фарзин, 2012

# ШЕЪРИ ТАРОВАТИ ШАБНАМ

Фарзин (Маҷнуни Карим) солҳост, ки шеър машқ мекунад. Аммо дар нашри навиштаҳояш шитоб наменамояд. Мисли он ки дар зодгоҳаш Зидеҳ, яке аз зеботарин гӯшаҳои кӯҳистони Тоҷикистон, кулолон гилрову хиштрезону андовагарон лойро аввал мепазанд ва баъд дар қолабҳо мерезанд, ӯ низ офаридаҳояшро гаштаву баргашта сайқал медиҳад. Бар замми ин аз рӯйи маслиҳати Шамси Қайс шеърҳои худро нахуст бар ноқидони сухан ва дӯстони фозилу мушфиқи худ арза медорад, хатову савоби онҳоро аз эшон мешунавад ва пасон ба оммаи хонандагон пешкаш мекунад. Барои ҳамин ҳам агарчи барои чандин маҷмӯа шеър гуфтааст, то ҳол танҳо чопи як китоби хурдакакро ба худ раво дидааст.

Шоир, чунонки дар зиндагӣ ҷиддӣ ва масъулиятшинос аст, дар шеър низ ҳамон тавр мебошад. Монанди дигарон баробари чопи ду-се шеър ва як-ду маҷмӯа аз паси шӯҳрату унвону мукофоту мақом нест. Ӯ аз рисолати азалии шеъру шоирӣ огоҳии хуб дорад ва медонад, ки:

*Суханро ҳаст қонуне:*
*Гаҳе тавлид месозад, гаҳе чун тир хоҳад кушт.*
(Гаҳе ки шеър мегӯям)

Фарзин ҳамеша кӯшиш дорад, ки дар шеър, чунонки мебояд, шоирона ва бо тасвир сухан гӯяд. Дар назари ӯ абри гардун мисли марди деҳқонест, ки дар замини осмон донаи истора мекорад дар фасли баҳор. Аммо он дона донаи муқаррарӣ нест, ситора аст, барои ҳамин ҳам беқарор аст. Шоир бо истифодаи бамаврид ва ҳунармандона аз ташбеҳу истиораву маҷоз як манзараи хоно ва зебои фасли баҳорро офаридааст:

*Абри гардун – марди деҳқон*
*Дар замини осмон*
*Донаи истора мекорид дар фасли баҳор*
*Донаҳои беқарор.*

(Хоб)

Дар чашми ӯ борон ашки духтари абр буда, аз бими ғурриши деви тундар аз мижаи бомҳо ба роҳи гурез мераваду барг бо барг нармак ҳадис аз бод мегӯяд. Ва дарё мисли марде аз роҳи дур обилаи ҳубоб дар по ба зӯр меояд:

*Борон – ашки духтари абр,*
*пас аз бими гурриши деви тундар*
*зи мижаи бомҳо ба роҳи гурез рафт,*
*Барг бо барг нармак ҳадис аз бод мегуфт.*
*Дарё – марди роҳи дур,*
*обилаи ҳубоб дар по*
*меомад ба зӯр.* (Интизорӣ)

Агар ин ду тасвир аз зебоиҳои нотакрори баҳорон буд, тасвири зер аз фасли зимистон аст. Шоир боди овораро ба бачае монанд мекунад, ки бо тахтахома (сохтаи муаллиф аст), яъне бо бӯр бому дарҳоро сафед кардааст:

*Баччабоди овора, тахтахомае бар даст*
*Мекунад ба ҳар ҷое гирди бому дар испед.*

(Фариштаи испед)

Бо ин тасвирҳои шоиронаи зебо ва тару тоза месазад ҳар шоири асил ва тавоно ифтихор намояд.

Имони комил дорам, ки шеъри нағзи Фарзин аз як маҷмӯа то ба маҷмӯаи дигар беҳтар хоҳад гашт ва адабиёти муосири тоҷикро ғанитару рангинтар хоҳад кард.

*Абдунабӣ Сатторзода,*
*профессор*

## ГАҲЕ КИ ШЕЪР МЕГӮЯМ

Гаҳе ки шеър мегӯям,
Чу дарёи пас аз борон,
Намегунҷам ба маҷроям.
Зи худ беруну пурфарёд,
Равони дашту саҳроям.

Гаҳе ки шеър мегӯям,
Раҳам аз Каҳкашону хонаам дашти фалак бошад,
Гаҳе ҳамсӯҳбату ҳамсоғарам хайли малак бошад.

Гаҳе ки шеър мегӯям,
Ба сони Хусраву Хоқон
ба сар ман тоҷи зар дорам,
Чу Нӯшарвони одил аз саховатҳо самар дорам.

Гаҳе ки шеър мегӯям,
Яке рӯди хурӯшонам.
Гаҳе чун раъду барқам, гоҳ тӯфонам,
Гаҳе ғарқидаи куфрам зи лаззатҳо,
Гаҳе лабрези имонам.

Ба вақти шеъргуфтанҳо,
Қалам ҷонофарин аст,
чун асои ҳазарти Мӯсо гаҳе дар мушт,
Гаҳе захмаш барам бар дил,
гаҳе бораш кашам бар пушт.
Суханро ҳаст қонуне:
Гаҳе тавлид месозад, гаҳе чун тир хоҳад кушт.

Гаҳе ки шеър мегӯям,
Надонам, кистам дар сурате пуршӯру пурсавдо.
Вале донам, ки он соат
Намегунҷам дар ин дунё.

## МАРГ МЕМИРАД

Рӯдакиро кӯр карданд,
Шеъри ӯ аммо нашуд кӯр.
Чашми дилбинаш даме ки норасо шуд,
Мисраи мавзуни шеъраш боз бар дасташ асо шуд.
Дарди ӯро шеърҳояш аз замоне то замоне бурдаанд,
Рӯдакӣ зиндааст, аммо душманонаш мурдаанд.

Бӯалӣ Сино ба дасте теғу дасте назм дошт,
Бӯалӣ бо маргу дилкӯрони асраш разм дошт.
Дарди ӯ гар бедаво буд,
Ӯ ба дарди асру халқи худ даво буд.
Бӯалиро теғ шамшераш буду шеъраш сипар,
Бо ҳамин теғу сипар то асри мо шуд раҳсипар.
Умри Фирдавсии Тӯсӣ дар сари Шаҳнома шуд,
Рахшро дод ӯ ба Рустам, Рахши шоир хома шуд.
Ӯ даме ки номаашро то дари Маҳмуд бурд,
Ҳамчу Сӯҳроб орзуҳояш ба дил гӯё ки мурд.
Ганҷи дунёро ба шоҳон дод он бори дигар,
Аз сухан умри абад дарёфт сад бори дигар.
Гар дами шамшери темурӣ басе хунрез буд,
Зарби шеъри Ҳофизи Шерозӣ аз он тез буд.
Ҳар чӣ дар дунёст, онро мерасад рӯзе завол,
Кай бимирад Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз ё Камол.
Маргро қудрат набошад бо сухан зӯроварӣ,
Марг ҳам мемирад аз зарби суханҳои дарӣ.

## ВАТАН

Ватан ифтихору ғурури ман аст,
Ватан панҷаву мушти зӯри ман аст.
Бувад беҳтарин чеҳра рӯи Ватан,
Куҷо накҳате хуш зи бӯи Ватан.
Ватан беҳ зи ҳар чӣ Худо додааст,
Худодод, он к -ӯ ватанзода аст.
Агар ганҷ дорӣ , надорӣ Ватан,
Бимирӣ, чу гӯяд касе: беватан.
Насиби на ҳар кас ватандорӣ аст,
Ватан ҳар киро нест, дар хорӣ аст.
Яке қатра ширу яке қатра об,
Зи Модар – Ватан ҳар дуро як ҳисоб.
Бишав ҳар куҷо пуштбони Ватан,
Бигӯ ҷони худро ту ҷони Ватан.
Ватан курсии роҳате баҳри пушт,
Ватан зӯри сарпанҷаву зӯри мушт.
Ватан хонаи дину имон бувад,
Ватан ору номусу виҷдон бувад.
Агарчанд Рустам ба макру ҳиял
Бикушт аз сари кина Сӯҳроби ял,
Чу баҳри Ватан буд ҳама кини ӯ,
Ба ҷое накарданд нафрини ӯ.
Ватан ҳар чӣ гӯяд, ватандор бош,
Ба ҳифзаш шабу рӯз бедор бош!
Бишав чашму гӯшу забони Ватан,
Бишав ақлу ҳушу тавони Ватан!

## ЧӢ БОШАД ҲАРФИ ИСТИҚЛОЛ?

Чӣ бошад ҳарфи истиқлол?
Танҳо он шикастан, пора кардан, сохтан,
аз банд растан нест,
Зи ҳар печидагии риштаи қисмат
ба осонӣ гусастан нест.
Сараввал, бошад он дарёфтан худро
миёни ҷангали анбӯҳи одамҳо,
Қадам бигзоштан бошад ба сӯи олами фардо.
Бале, он кӯчати гулҳои гулдон аст,
Барои хушксори синаҳо чун абри борон аст,
Барои дардҳои кӯҳна дармон аст,
Гулафшонии дунё дар зимистон аст.
Ва истиқлол гуфтан аз даҳони хеш бошад бо
забони хеш,
Ва раҳ рафтан бувад дар ҳар замоне
бо тавони хеш.
Ва истиқлол тавлиде бувад аз модаре дигар,
Ва то бар шаҳри армонҳо расидан аз даре дигар.
Ва истиқлол ба қадри худ расиданҳост.
Ва фардоро ба чашми ақл диданҳост.
Ва он бедории қалб асту
он бедории имону виҷдон аст.
Ва он падруд бар гунгист,
Раҳоӣ аз сукут, аз чанги таърих аст,
Зафар дар ҷанги таърих аст.
Чӣ бошад ҳарфи истиқлол?
Бувад борони раҳмат аз сари эҳсон
ба рӯи марзҳои тинати миллат,
Раҳе бар сӯи нур асту
наҷот аз панҷаи зулмат,
Наҷот аз банди фармонҳост,
Расидан то ба армонҳост.

## КИТОБ

Ҳар ки рӯй аз китоб гардонад,
Дар гили зиндагонӣ дармонад.
Ақли кас бе китоб нобиност,
На Фалотун бузургу на Синост.
На касеро будӣ зи дониш ёд,
На касе дар фане будӣ устод.
Кас нагуфтӣ сухан на аз Хайём,
На зи Ҳофиз сухан ба ҳар айём.
Кардаам аз каломи пайғамбар
Бар китобу бузургияш бовар.
Бе таҳорат барӣ ба Қуръон даст,
Мекунад ҳамчу хоки роҳат паст.
Ин заминро китоб чун нур аст,
Бал шифое ба қалби ранҷур аст.
Ҳар ки ақл аз китоб равшан кард,
Бар танаш сафҳа-сафҳа ҷавшан кард.
Он чи ёфт одамӣ зи илм ба ранҷ,
Дар китобаш ниҳод ҳамчун ганҷ.
Ончунон ганҷ, ганҷи Қорун ҳеч,
Мулки Ҷамшеду ҳам Фариддун ҳеч.
Ганҷи дониш азим ганҷ бувад,
Ранҷи дониш азим ранҷ бувад.
Аз китоб одамӣ бузург шавад,
Бе китоб одамӣ чу гург шавад.
Хону хон, эй писар, агар донӣ,
Ки чунин аст ҳукми раббонӣ.

## РӮИ ВАТАН

Ҳаргиз нашавам сер ман аз рӯйи Ватан,
Аз чор тараф мекашадам бӯйи Ватан.

На тахти Қубоду на Сулаймону на Ҷам
Боло набувад зи санги ҳар кӯйи Ватан.

Аз Замзаму Кавсараш на камтар донам,
Обе ки бихӯрдаам ман аз ҷӯйи Ватан.

Чун аллаи модар ғами дил пок кунад,
Савти хуши дарёи сухангӯйи Ватан.

Ин зиндагӣ чун косаи лабрези ғам аст
Бе хандаи дилбарони хушрӯйи Ватан.

## КӮЧАБОҒИ ОШИҚОН

То даме Варзоб дар дил шӯру шар дорад,
Кӯҳсораш дар бағал гулҳои тар дорад,
То даме, ки дилбари ошиқнавози он
Бо муҳаббат сӯи дилдораш назар дорад,

Соҳили Варзоб, эй дил, кӯчабоғи ошиқон,
Соҳили Варзоб, эй дил, манзили пиру ҷавон.

То даме аз ишқи сармад мерасад бӯе,
То даме дилдодае ҳаст ошиқи рӯе,
То муҳаббат ҷорӣ бошад ҳамраи Варзоб,
Аз диле то бар диле чун об бар ҷӯйе.

Соҳили Варзоб, эй дил, кӯчабоғи ошиқон,
Соҳили Варзоб, эй дил, манзили пиру ҷавон.

То даме Варзоб оғӯшаш ба мо во аст,
То даме ҳарфи муҳаббат дар диле ҷо аст,
Одамиро ин замин то он ки маъво аст,
Ошиқонро аҳду паймон то ки якто аст.

Соҳили Варзоб, эй дил, кӯчабоғи ошиқон,
Соҳили Варзоб, эй дил, манзили пиру ҷавон.

# ЗИДЕҲ

Бар ҷони ман баробар обу ҳавои Зидеҳ,
Ҷуз ман кӣ ҳастияшро бахшад барои Зидеҳ!?

Як сӯ садои кабку як сӯ садои булбул,
Ин аст, эй азизон, созу навои Зидеҳ.

Сангаш нишони тахту кӯҳаш нишони бахт аст,
Шоҳона мекунам зист, эй ман гадои Зидеҳ.

Дарди маро набошад дар ҳеҷ ҷо давое,
Оби ҳаёти ман шуд обу ҳавои Зидеҳ.

Фарзанди ин диёру ин хушҳаво заминам,
Лозим шавад ,бисозам ҷонро фидои Зидеҳ

Хокаш азизи ҷону обаш азизи ҷон аст,
Аз ҷон азизтар нест, ин бас баҳои Зидеҳ.

## ҒАЗАЛ

Ҳофизо, хез, магар даври қамар омадааст,
Ки ҳама дар назарам зеру забар омадааст!?

Раҳму шафқат набувад, гуфтаӣ он давронро,
Гуфтаат дар назарам бори дигар омадааст.

На бародар ба бародар, на падарро ба писар
Заррае нест муҳаббат, ҳама сар омадааст.

Тифл пистонгазу дар шохи ҷавоне бар нест,
Лаънати ин ҳама бар дӯши падар омадааст.

Ишқро бас ки кафанпӯши ҳавасҳо карданд,
Ҳофизо, умри муҳаббат ҳама сар омадааст.

## ДАРДИ ИШҚ

Эй сар, ба пои лоларухе мегузорамат,
Эй ҷон, ба дасти дилбари худ месупорамат.

Эй дил, зи дарди ишқ чу лаззат намебарӣ,
Дар сина чун асир гулӯ мефишорамат.

Эй офтоб, сӯзи ту гар сӯзи ишқ нест,
Як пора санги сарди фалак мешуморамат.

Эй ҷон, туро кӣ гуфт, ки ширинтарин туӣ ?!
Ман аз нигори хеш фузун менадорамат.

## ШИФОБАХШ

Дар домани шабҳои тор дар дасти ман буд доманат,
Ман будаму шаб буду ту, шаб дида танҳо бо манат.

Зулфи сиёҳат баста буд аз дастаму аз гарданам,
Аз кашмакашҳо хаста буд дар коми оғӯшат танам.

Дар баҳри шири ҷисми ту шуд ғарқ ҷисмам ҳамчу хас.
Гаҳ мавҷи тӯфони танат мебаст дар ҳалқам нафас.

Мӯят маро печида буд чун сайди тори тортан,
Буд зиндагиро лаззате дар ин набарди танбатан.

Пои лабам дармонда буд дар шаҳди рӯят чун магас,
Мӯри лабонам хӯрда буд себи баратро бо ҳавас.

Он гаҳ ки бурдам бӯсае аз ҳалқаи чашми кабуд,
Аз хокиён хушбахттар монанди ман дигар набуд.

Чун аз лабонат монда буд дар пайкарам доғи сиё,
Дастат шифобахшанда буд беҳтар зи «Қонун»-у «Шифо».

## НАВБАҲОРИ МАН

Дили ман бишкуфад, ҳар гаҳ ки оӣ, навбаҳори ман,
Шавад оғӯши ман пур, чун ту бошӣ дар канори ман.

Надорам ҳасрате ҳаргиз дар ин дунёи пурҳасрат,
Агар ҳастӣ ту ёри ман, азизи ман, нигори ман.

Дару девори ман пурнур гардад аз ҳузури ту,
Ба ҷои маҳ туӣ равшангари шабҳои тори ман.

Нагирам нашъае аз ҷумла лаззатҳои ин дунё,
Шикаста кай шавад, бе бӯсаҳои ту хумори ман?

Надорам бок аз таҳдиди қонуне ,ба ҷуз аз он
Ки рӯзе мешавад он ҳалқаҳои зулф дори ман.

Бидорам дӯст дунёрову гӯям бо ҳама овоз:
Набошӣ ту, набошам ман – чунин бошад шиори ман.

## ФАРИШТАИ ИСПЕД

Эй фариштаи испед, аз ту шуд саҳар испед,
Ҳар кучҷо зи анфосат гашта баҳру бар испед.

Арчае ки дӣ буд сабз, пираҳан ба бар испед,
Гӯшворааш аз ях ,рӯймоли сар испед.

Кӯҳи рустамипайкар дар миёнаи майдон
Ҳарбу зарби нав дорад, фӯта дар камар испед.

Баччабоди овора, тахтахомае[1] бар даст,
Мекунад ба ҳар ҷое гирди бому дар испед.

Гӯиё кафи ҳар барг чашми интизоре буд,
Чун ато ба ӯ Яздон дода симу зар испед.

Бо фариштаи испед ҳар киро сару корест,
Аз Худо талаб созад роҳ дар сафар испед.

[1] Тахтахома – бӯр

# БАРОЙИ ТУ

Бимирад он касе, боре намирад аз баройи ту,
Бирезам ҳамчу обе ҷони худро пеши пойи ту.

Ҳазорон бор гӯям шукру созам саҷдаҳо аз сидқ,
Зи баҳри он ки халқат карда рӯ сӯи Худойи ту.

Тамоми моли дунё неку бад дорад ба худ арзиш,
Ту ҳастӣ бебаҳо: ин аст арзиш дар баҳойи ту.

Ба ҳар ҷое туӣ он ҷо ману дил ҳарду дар хидмат,
Ба мулки дил ту ҳастӣ шоҳу мо ҳамчун гадойи ту.

Худо бахшад гуноҳи ҷону дилро, ман набахшоям
Агар ҳар лаҳзае қурбон набошад аз баройи ту.

Табибони ҷаҳону илми синоӣ набитвонад
Давобахшои ҷони ман шавад чун хандаҳойи ту.

Дили Маҷнун пайи Лайлию аз Вомиқ пайи Азро,
Дили ман меравад, ҳар ҷо ки бошад нақши пойи ту.

## НИСОР БОД!

Чу нафас туро вуҷудам,
Бикашад ба тору пудам.

Зи надиданат бисӯзам,
Бирасад ба Арш дудам.

Ба дилам, ки хонаи туст,
Ҳамарӯза дар суҷудам.

Чӣ хуше , қабулат афтад
Ҳама саҷдаву дурудам.

Ба ту сад нисор бодо
Ҳама будаму набудам!

Ба дили зи ишқ сӯзон
Бишавӣ чу оби рӯдам.

## САҲАРИ МАН

Эй тиратарин рӯз, гузар кун зи сари ман,
Эй хиратарин шом, маё пушти дари ман.

Аз рафтани ӯ субҳ маро шоми сияҳ шуд,
Дигар надамад бе дами субҳаш саҳари ман.

Он хона ки ӯ буд, кунун сарду хамӯш аст,
Ӯ бурда ба худ гармии девору дари ман.

Ашкам зи ғами ишқ чу дарёи равон шуд,
Ку он ки ба каф пок кунад чашми тари ман?!

Аз ҳастии ӯ буд маро, ҳар чӣ набудам,
Холист ҳама шаҳр кунун дар назари ман.

Аз он лаби нӯшин дигарам ҳарф нагӯед,
Хуноба чакад бе лаби ӯ аз ҷигари ман.

Оҳанги хуше дошт қадамҳои муродаш,
Бе ӯ кӣ дигар панҷа занад пушти дари ман?

Бе ҳастии ту умр маро шоми сияҳ шуд,
Хуршеди ту то нест, наояд саҳари ман.

## ТАҚЛИД БА МАВЛАВӢ

Эй зи ғамат дилам фигор, ошиқи бенаво манам,
Кокули туст панҷу чор, бастаи ин бало манам.

Рӯй зи ман бибастаӣ, бо дигаре нишастаӣ,
Аҳди маро шикастаӣ, дар талаби вафо манам.

Рӯи ту навбаҳори ҳусн, мӯи ту обшори ҳусн,
Зулфи ту ҳамчу дори ҳусн, куштаи ин ҳаво манам.

Дар фалакам моҳ туӣ, ишқи маро роҳ туӣ,
Дар назарам шоҳ туӣ, бар дари ту гадо манам.

Дом туӣ, дона туӣ, бода ба паймона туӣ,
Соҳиби майхона туӣ, масти майи лиқо манам,

Дилбари дилситони ман, хезу ситон ту ҷони ман,
Ҷумла туröст они ман, дар раҳи ту фидо манам.

## САҲАР СОЗАМ

Ҳар гаҳе, ки шабҳоро бе ту ман саҳар созам,
Кулфати ду дунёро, бе ту пушти сар созам.

То шикасти зулфонат, қоматам бисозам рост,
То лабат бар лаб гирам, даст бар камар созам.

Мисли моҳи камгашта бе ту кам шавам ҳар дам,
Ҳамчу моҳи нав худро бо ту пур зи сар созам.

Ошиқон зи навмедӣ навҳа мекашанд аз дил,
Ман раҳи дигар гирам, нола аз ҷигар созам.

Бе қади ниҳоли ту боғи бар маро холист,
Аз қаламчаи зулфат нахли пурсамар созам.

Давлате намехоҳам, то туӣ маро давлат,
Бо ту ,ёри симинтан, тарки симу зар созам.

Киштии танамро бурд мавҷи баҳри оғӯшат,
Ман ба соҳили хушке бе ту чун гузар созам?

## ИШҚ АГАР ШЕР АСТ

Ишқ агар шер аст, оҳуи биёбонаш манам,
Ишқ агар кӯҳ аст, дар дили ганҷи пинҳонаш манам.

Ишқбозӣ куфр агар бошад, маро кофар шумор,
Гар мусалмонӣ бувад, марди мусалмонаш манам,

Ишқбозӣ кори бозӣ нест, ҷонбозӣ бувад,
Ҳамчу Юсуф гаҳ ба чоҳу гаҳ ба зиндонаш манам.

## ТАНИ ОИНА

Тани ту пок буду соф чу оинаи пок,
Тани ман пеши танат буд шабеҳи кафи хок.

Лаби ман чун бирасида ба тани оина,
Нафасам хира намуда бару рӯи сина.

Тани ман бо тани оина ба ҳам рӯи ба рӯ,
Тани оина танамро ба танаш бурда фурӯ.

Зи қиёси тани худ бо танат, эй мояи рашк,
Арақи шарм зи ҳар мӯи танам рехт чу ашк.

Ба хаёлам тани ман тофт дар ӯ чун ба қафас,
Ки варо печиши бозуи қафас баста нафас.

Тани оинагият буд чунон обзада,
Ки танам тофт дар оина аҷаб тобзада.

Ба тану дасту лабу мижжаву бо ҳар сари мӯ
Пок бинмуда чу фаррош танат аз тагу рӯ.

То нагирад тани оина дигарбора ғубор,
Нафасамро бифишурдам ба гулӯ чун ба шикор.

## ТИФЛИ ЧАШМА

Сабза мижгону замин чашми баҳорон шудааст,
Ашки абри саҳарӣ қатраи борон шудааст.

Ишқ аз тан кафани барфии баҳман андохт,
Шӯълаи оташи ӯ бар дили ёрон шудааст.

Тани ҳар шоха бибин, пираҳани сабз ба бар,
Сари ҳар шоха чу тоҷи сари султон шудааст.

Тифли чашма зи пайи модари дарёяш рафт,
Момаи бод зи нав бесару сомон шудааст.

Гул ба гул хандазанон акс ба ҷӯборон рехт,
Навбаҳори дигар аз об намоён шудааст.

На ҳамин ман шудаам з-омадани лола ҷавон,
Золи кух ҳам ба сари пир гулафшон шудааст.

## ЗАН

Сабз гардад хушксори синаҳо аз рӯи зан,
Тоза гардад ҷумлаи ғамҳои дил аз бӯи зан.

Пеш аз оне, ки тавофи Каъба созед ихтиёр,
Қалби худро пок созед аз тавофи кӯи зан.

Ҷӯйбори шири испедаш бузург аст он қадар,
Баҳру дарё дар бузурӣ кай расад бар ҷӯи зан.

На камону тиру на шамшеру ханҷар мекунад,
Ҷонрабоие, ки дар як дам кунад абрӯи зан.

Кулфати пирӣ сапедибахши мӯи одамист,
Кулфати дунё сапедӣ рехта бар мӯи зан .

## ЗАН БУВАД МИСЛИ МАЛАК

Он Худованд аз ҳама нуру сафо
Ҷисми занро офарида баҳри мо.
Гармӣ аз хуршеду нураш додааст,
Ҳусни рӯҳонӣ зи ҳураш додааст.
Покияшро додааст аз оби пок,
Сабру тоқатро бибахшидаш зи хок,
Сарбаландиҳои ӯ бошад зи кӯҳ,
З-ин сабаб бошад чу кӯҳи бошукӯҳ,
Вусъати қалби зан аз бахр офарид,
То бигунҷад ,ҳар чӣ дар даҳр офарид.
Рангу бӯяш аз баҳорон додааст,
Сабзкорияш зи борон додааст.
Дар лабаш аз ангубин бинҳода ҷом,
Карда мардонро барои ӯ ғулом.
Лаҳни булбул, шеваи кабки дарӣ
Додааст ӯро барои дилбарӣ.
Дар хами абрӯю дар мижгони ӯ
Дода зӯри Рустаму дастони ӯ.
Далбару ҳам дилситонаш офарид,
Лаззате дар ҷисму ҷонаш офарид.
Шабчароғи хонадони мард – зан,
Марҳаме бар решу бар ҳар дард – зан.
Ин заминро зан бузургон додааст,
Балки пайғамбар ба олам зодааст.
З-ин сабаб пешаш касе сар хам кунад,
Аз гуноҳи худ ҳазорон кам кунад.
Ҳар кӣ занро зан бигуфту хор кард,
Бемуҳобо кори худ душвор кард.
Дар бузургӣ зан бувад мисли малак,
Мерасад оҳаш ба зудӣ то фалак.
Зиндагӣ аз зан бигирад ибтидо,
Зиндагӣ бе зан расад бар интиҳо.

## ЧУН САДОИ БОРОН

Садои омаданат чун садои борон аст,
Ҳавои омаданат хуштар аз баҳорон аст.

Нафас кучо ки гирифтам, қабули дил омад,
Ту будаиву гумонам, ки бӯи райҳон аст.

Хуш асту дилкашу зебо, зи рӯи пиндорам,
Миёни пардаи нозе чу ганч пинҳон аст.

Фариштаест, ки лабрез аз малоҳатҳо,
Ягонаест, ки ҷояш миёнаи ҷон аст.

Чунонки зиндагӣ аз субҳ зинда мегардад
Ба ишқу меҳру вафоям чу хуни шарён аст.

## ЭЙ БЕХАБАР

Эй бехабар аз ишқ, зи олам хабарат нест,
Сад боғи пур аз мева шавӣ ҳам, самарат нест.

Беҳуда мабар ранҷу махур ғуссаи бисёр,
Дар тарбияти он ки зи пушту камарат нест.

Равшангари дилҳост муҳаббат, чу надорӣ,
Монандаи зулмот шабию саҳарат нест.

Аз ишқ ба ҷое бирасиданд азизон,
Бе ишқ чу мурғи қафасӣ болу парат нест.

Ошиқ бишавӣ гар ту чу Маҷнуни шикаста,
Беҳтар зи сияҳчеҳраи Лайлӣ дигарат нест.

## ДАРДИ ИШҚ

Мекашам бо он ки умре дарди ишқ,
Лаҳзае дилро надидам сарди ишқ.

Ин гувоҳи заҳмату ранҷи ман аст,
Дар сари абрӯю мижгон гарди ишқ.

Мешавад ҳамчун тило қадраш баланд,
Он ки шуд дар зиндагӣ рӯзарди ишқ.

Ҳосили ширини марзи зиндагӣ
Донаҳои руста аз огарди ишқ.

Аз тамоми мардҳо болотар аст,
Ҳар кӣ бошад ҳамчу Маҷнун марди ишқ.

## САЙДАФКАН

Сайдафкантар аз он зулфи качат доме нест.
Мастсозандатар аз даври лабат ҷоме нест.

Ҳар касеро, ки насиби лаби нӯшини ту кард,
Субҳи имрӯзи варо то ба абад шоме нест.

Ҳама ҷо қалъаву аҳроми баланд аст, вале
Чун баландии муҳаббат ба замин боме нест.

Сухан аз ишқ равад, санги сияҳ нарм шавад,
Ин садоест, ки ширинтар аз он номе нест.

Гар набитвонӣ кушудан дари ин қаср, эй дил,
Рав, ки дар даҳр ба мислат каси нокоме нест.

## МОҲИИ ТИЛО

Намедиҳам, намедиҳам туро ба кас,
Накардаам ба ҷуз ту бар касе ҳавас,
Нагирам аз ҳавои ғайри ту нафас.
Хаёли ман наӣ ту аз банӣ башар,
Ту дигар астӣ аз банӣ башар
Зи пой то ба сар.

Ту духтари кадоми як фасонаӣ,
Ту аз кадоми як фасона кӯчии ягонаӣ.

Гаҳе ки меравӣ миёни растаҳои шаҳр,
Чу деги шир кӯчаҳо зи ҳусн рафта сар,
Зи атри гесувони ту ҳаво шавад дигар.

Ту нофитода меравӣ ба чанги ҳар нигоҳ,
Чу моҳии тило.
Хайёли ман наӣ ту аз банӣ башар,
Ту дигар астӣ аз банӣ башар
Зи пой то ба сар.

## БО ТУ

Гар туро бинам, муаттар мешавад
Ҳамчу гулбӯидае бар ман машом.
Рӯзро хоҳам, ки кӯтаҳтар шавад,
Ҷои худро зуд бахшад ӯ ба шом.

То туро аз нав бигирам дар канор,
Бӯсаҳо гирам бас аз рухсори ту,
Дар бари гӯшат бигӯям қиссаҳо,
То бидонӣ, боз ҳастам зори ту.

Моҳтоби шаб бирезад нури худ
Ҳамчу шире бар сару бар горданат.
Гул кунад аз бӯсаборонҳои ман
Ёлаҳои китфу бозуву танат.

Дар канори ман агар бошӣ даме,
Мешуморам хешро ман беканор.
Бо ту дорам зиндагиро дӯсттар,
Бо ту монам аз баҳоре то баҳор.

## БЕ ТУ

Бе ту ман ҳеҷам,
Бо ту дунёям.
Бе ту ман нима,
Бо ту яктоям.

Бе ту вайрона,
Бо ту ободам.
Бе ту чун маҳбус,
Бо ту озодам.

Бо ту дунёдор,
Бе ту бечора.
Бо ту дил ором,
Бе ту овора.

Бе ту ман ҳеҷам,
Бо ту дунёям,
Бе ту ман нима,
Бо ту яктоям.

## ДУХТАРИ ШАБ

Кош, ман доштаме аз ту хабар,
Ки шабонгаҳ ба барам меоӣ,
Аз лабат бӯсаи ширин дода,
Мераҳонӣ дилам аз танҳоӣ.

Аз куҷо буд хабаре  з-омаданат,
Ки шабе ойӣ бар оғӯшам.
Бари худро ба барам соида,
То дами субҳ кунӣ мадҳушам.

Мӯи печони ту печида маро,
Сари ман рӯи барат афтода.
Он қадар маст будам ман он шаб
Аз саропои ту чун аз бода.

Субҳ оҳанги дамидан мезад,
Дошт булбул ғазали тоза ба лаб,
Менавиштам ба дилам хотираҳо
Зи туву ҳимматат, эй духтари шаб.

## КОШ

Кош, як шаб ман андар оғӯшат
То саҳаргаҳ зи хеш даргирам.
Чун саҳар гашт, ҳамраҳи хуршед
Пайкаратро зи нав ба бар гирам.

Боз хонам зи нав барои ту
Қиссаи ишқро ба сӯзи дигар.
Ҳасрату дарди нотамомамро
Боз монам барои рӯзи дигар.

Реша аз ишқи ту маро дар дил,
Монда ҳамчун дарахти садсола.
Гар чи шохаш шикастааст аз бод,
Барги он тир хӯрда аз жола.

Кош, мисли шаби ҷавониям
Хешро ҷо кунам дар оғӯшат.
Марҳами ҷисми хастаам гардад
Бӯсаҳои лабони хомӯшат.

## ЛАЗЗАТИ ИШҚ

Чу обе пеши раҳгум дар биёбоне,
Чу борон бар замини интизориҳо.
Расидию фикандӣ дур аз дӯшам
Либоси заҳмату анбони хориҳо.

Ҳавои абрию борони ғам бигзашт,
Бихушкид оби кулмакҳои навмедӣ,
Равон бар водии гулҳои пурнакҳат,
Расида бар канори шаҳри хуршедӣ.

Нигоҳи барқосои хаёлолуд,
Ҳамеша раҳрави гулгашти он оғӯш.
Ҳавасро бо тапишҳо зинда медорад,
Умеди даъвате аз он лаби хомӯш.

Ҳавасҳо чун ба ҳам печанд , мерӯяд
Ниҳоле, қомату баргу бараш ширин.
Худоё, лаззате бар ишқ бахшидӣ,
Ки сӯзи оташу хокистараш ширин.

## НОМАҲО

Ҳар гаҳе ёди ту месозам,
Мекушоям номаҳои дилат.
Гаштаву баргашта мехонам,
Бо ҳавас ҳарфу ҳиҷои дилат.

Номаҳои ту чун китоби ишқ,
Ман яке навхату навомӯзам.
Дилситонию дӯстдориро,
Ман зи ҳар сатри ту биомӯзам.

Номаҳоят азиз аз он дорам,
Ки маро додаанд панди ҳаёт:
«Ишқбозӣ чу коғазӣ бошад,
Одамӣ мехӯрад фанди ҳаёт».

Ҳар гаҳе ки туро бисозам ёд,
Мекушоям номаҳои дилат.
Гаштаю баргашта мехонам
Бо ҳавас ҳарфу ҳиҷои дилат.

## МАРАВ

Аз ман марав, ин қалби ман
Бе ту кунад девонагӣ,
Санги маломат мешавад,
Як рӯз ин бегонагӣ.

Бо ман нишин ,то гӯямат
Аз ишқ бас афсонае,
Бо ҷону дил мехоҳамат,
Чун ошиқи девонае.

Пӯшида субҳи синаат,
Мӯи сиёҳат ҳамчу шаб.
Бо ман нишин ,то гӯямат,
Рози диламро лаб ба лаб.

Марди саропо оташам
Аз ишқу аз сӯзи ниҳон.
Аз ман марав, к-ин оҳи ман
Рӯзе бисӯзонад ҷаҳон.

## ЁДИ ҶАВОНӢ

Ҳар кучое нигоҳи ман афтад,
Пеши чашмам ту мешавӣ пайдо.
Ончунон ки ба дидаи Маҷнун
Кас натобад ба ҷуз рухи Лайло.

Қомати ҳамчу навниҳоли ту
Зинату зеби боғи оғӯш аст.
Пеши рухсори дилфиребӣ ту
Ҳусни ҳуру парӣ фаромӯш аст.

Пари парвози ман шавад ҳар дам,
Сӯи ту, ёдҳои ширинам.
Сайри боғи шабоб месозам
Бо қади хамму рӯи пурчинам.

Ҳар гаҳе чашмаи нигоҳи ман
Буд ҷорӣ ба дашти оғӯшат,
Гули садбаргу лола мерӯид
Дар бари рӯю дар буни гӯшат.

Зиндагии маро ту бахшоӣ
Лаззату айшҳои нотакрор.
Ошиқам, боз мешавам ошиқ,
Чун кунам ёди рӯи ту ҳар бор.

## СОҲИЛИ ТУ

Чашмҳоят кони ишқанд,
Нозҳоят ҷони ишқанд.
Печутоби кокулонат
Чун гули печони ишқанд.

Нозанинам, дорамат дӯст,
Зиндагонӣ бо ту некӯст.

Ҳар кучҷое по гузорӣ,
Мешавад он ҷо гулафшон.
Бар сари зулфат дили ман
Кокулонатро маяфшон.

Нозанинам, дорамат дӯст,
Зиндагонӣ бо ту некӯст.

Меравад сӯят шабу рӯз
Ишқи ман монанди дарё.
Гар набошад соҳили ту,
Нестам ман, бемуҳобо.

Нозанинам, дорамат дӯст,
Зиндагонӣ бо ту некӯст.

## СУБҲ

Аз нигоҳи ту биҷӯям ишқро,
Аз табассумҳои ту ҷӯям умед.
Синаам лабрез аз армони ту,
Эй ба дил раҳёфта, роҳат сафед!

Зиндагиро бо ту дорам дӯсттар,
Аз ту ёбад нахли умри ман самар.
Ту маро дар нимараҳ чашми умед,
Ту маро дар тирашаб нури саҳар.

Бахти ман аз диданат гул мекунад,
Аз бароям гаштаӣ дунёи дил,
Бе ту танҳоям ,биё ,дастам бигир,
Эй азизи дил, аё яктои дил.

Эй умеди охирини зиндагӣ,
Охирин ранҷи ману армони ман
Гар равӣ, бо ман бувад ёди хушат,
Охири дарди ману дармони ман!

## ТАРС

Дар осмони тираи чашми сиёҳи худ
Ман моҳтоби рӯи ту ҳар гаҳ ки ҷо кунам,
Дар баҳри нилгуни ду чашмони обият
Бо завраќи умед ба шавќе шино кунам.

Абри сиёҳи мӯи маро боди дасти ту
Гаҳ ронаду гаҳе кунад ошуфтаву париш.
Борони ашк мечакад аз дидаҳои ту,
Озори хори мижжаат дилро намуда реш.

Қуфли дилам ки баставу зангорхурда аст,
Бикшой бо калиди сарангуштҳои худ.
Шавќи ту беш мешавад андар вуҷуди ман,
Гоҳе ба пушти ман бизанӣ муштҳои худ.

Дар пайкари ту гармии оташ ниҳуфта аст,
Чашмат ба ҷони хаста бирезад басе шарар.
Тарсам аз он бувад, ки бад-ин дӯстдариям
Оташпараст созадам ин қалби бадгуҳар.

## ЗАН БАҲОР АСТ

Зан баҳор асту ҳар куҷо аз ӯ
Зиндагонист тозаву гулпӯш.
Атри зулфаш таровати дунёст,
Дорад ӯ пайки бахт дар оғӯш.

Зан баҳорест, ҳар куҷо ӯ ҳаст,
Лазати ишқ дар канори ӯст.
Зан агар нест, ишқ мемирад,
Ишқ эҷоду ёдгори ӯст.

Зан баҳор асту ман аз оғӯшаш
Ёфтам рангу бӯи дунёро.
Зан баҳор асту ман аз ӯ чидам
Бӯсагул даста-даста бо лабҳо.

Зан баҳор асту хубтар бинед
Зоҳиру ботини варо дар асл.
Дилрабо марғзори оғӯшаш,
Бӯи гул мекунад ба ҳар як фасл.

## ПАНОҲ

Гурми зонуи ту болишти ман аст,
Гурми оғӯшат маро бошад Биҳишт.
Бо ту санги хора ояд парниён,
Бе ту болишти парам бошад чу хишт.

Ман дарахти баргубаргумкардаам,
Ин туӣ ҳамчун баҳори бехазон.
Ҳар гаҳе бар ман расад файзи барат,
Бишкуфад ҳар барги ман чун барги ҷон.

Зан бувад ҳар мардро пушту паноҳ,
Зиндагӣ бе номи зан бошад гуноҳ.
Офтоби зиндагонӣ рӯи ӯст,
Рӯзи мо бе рӯи ӯ бошад сиёҳ.

## САҶДАГОҲИ МАН

Хори рӯям мехалад бар барги рухсори гулат,
Бод карда шохаи дастам каҳи мӯи туро.
Мечарад дар пуштаҳои китфу бозуят лабам,
Аз ҳаво бо ҳар нафас бар худ кашам бӯи туро.

Дар миёни дашти сӯзони барат бо ташнагӣ
Ман чу раҳгумгаштаи танҳо миёни тирашаб.
Мекашам аз решаҳои зулф худро то барам
Сӯи боло, то расам бар чашмасорони ду лаб.

Меравад аз сар шаби пироҳанат доманкашон,
Медамад аз пушти ӯ оҳиста субҳи синаат.
Мегузорам ман ба меҳроби бари покат намоз,
Саҷдагоҳи ман бувад пеши бари оинаат.

## АФСОНАИ ИШҚ

Ман фақат афсонаи ишқи туро
Бо ҳама ҳастии худ бишнидаам,
Шаҳди гулбарги лабони нозукат
Ҳамчу занбӯри асал барчидаам.

Ман зи оҳанги хуши рози лабат
Ёфтам бас лаззати лафзи дарӣ.
Гуфтаи Ҳофиз чӣ хуш омад маро,
Одамизода ба гуфтори парӣ.

Чашмаи Оби ҳаёти хешро,
Чун Хизир нӯшида будам аз лабат.
Гаҳ сикандарвор бо сад ташнагӣ,
Ҳамчу раҳгумгашта будам дар шабат.

Шеъри ширини бару дӯши туро
Бӯса-бӯса хонда аз бар кардаам.
Ту алифбои барои ишқи ман,
Ошиқиро аз ту ман сар кардаам.

Ҳар гаҳе афсонаи ишқи туро
Ҳамчу ёди хуш тагурӯ мекунам,
Гӯиё бори дигар зулфи туро
Дар кафам бигрифтаву бӯ мекунам.

## ФАРИШТА

Ту яке фариштa ҳастӣ,
Ки ба ҳар кучо расидӣ
Шавад он макон муаттар.
Зи қудуми ту бирезад,
Зи ҳаво чи мушку анбар.

Ту зи нуриёни покӣ,
На зи хокиёни хокӣ.

Ҳама тору пуди ҷисмат
Зи назокат аст ришта,
Зи малоҳат он Худованд
Чу туро яке сиришта.

Ту фариштаи заминӣ.
Ба Худо, ту нозанинӣ.

## ШЕЪРИ САФЕД

Ту шеъри сафедӣ,
Нукоту ҳиҷоят,
Зи сар то ба поят,
Зи шири сафеде навишта.

Чу тифли навомӯз,
Туро ҳарф-ҳарфу
Туро ҳиҷҷа-ҳиҷҷа
Зи бар кардаам.

Ба омӯзиши мисраъу байти ҷисмат
Ба захмат шабонро саҳар кардаам.

Ту шеърӣ сафедӣ
Ки ҷуз ман туро
На чашме бидида,
На гӯше шунида.

## БО ТУ ВА БЕ ТУ

Эй чу гул зебо, муаттар мешавад
Аз расиданҳои ту кошонаам.
Мекунам маҳкам дару тирезаро,
То ки монад пур зи бӯят хонаам.

То ба кай аз дур мебинам туро?
Лаҳзае боз ой бар оғӯши ман.
Гаҳ бинӯш аз чашмасорони дилам,
Гаҳ лабонатро бигардон нӯши ман.

Ишқ ҳам бо он ҳама зебоияаш,
Дидаам, чун марг одамхора аст.
Гаҳ намояд васл дилҳоро ба ҳам,
Гаҳ ҳазорон дил зи дасташ пора аст.

Эй чу гул зебо, биё, пешам нишин,
Бо ҳавас сар то ба по бӯят кунам.
Дида дӯзам то ба чашми обият,
Хештанро ғарқаи мӯят кунам.

Эй саропои ту ҳусни зиндагӣ,
Пур кун аз ҳастии худ маъвои ман.
Бо ту аз ман нест давлатёртар
Бе ту як бечораам, эй вои ман.

## НИГОҲИ ГӮЁ

Нигаҳи чашмҳои ту зебо,
Сардии чашмҳои ту гарм аст.
Ғазаби сахти чашми гӯёят
Чӣ қадар дилкашу чӣ сон нарм аст.

Печҳои ду зулфи печонат
Дар назар рӯзгори ман бошад.
Хандаи ғунчаи гули рӯят
Дар зимистон баҳори ман бошад.

Обшори қади баланди ту
Обшори канори ман буда,
Нӯш кардан аз он лаби обӣ
Ҳасрати қалби зори ман буда.

Эй нигоҳат зи ҳарф гӯётар,
Накҳатат аз баҳор бӯётар,
Ишқи ту дар дилам зи ҳар чӣ ҳаст,
Пештар саркаш асту рӯётар.

## ФАРИШТАРӮ

Сару по ту рангу бӯӣ,
Гули шохи орзуӣ.
Ба ҳама фариштарӯён
Ту зи ҳусн дарсгӯӣ.

Зи садои хандаҳоят
Дари дил шавад кушода.
Ғами ман ғами ту бошад,
Нахурам ғами зиёда

Зи шароби бӯсаҳоят,
Ту маро намудаӣ маст,
Бифитам ба пеши поят,
Ту маро маяфкан аз даст.

Чу биҳишти ҷовидонӣ,
Ҳама умр бехазон бош,
Ғами ту чу ман шавад пир,
Ту чу ишқи ман ҷавон бош!

## ЗИСТАН БИОМӮЗ

Зиндагӣ кардан мурда зистан аст.
Зинда бояд зист.

Зиндагӣ будан нест,
Зиндагӣ мондан аст.

Сукути санги соҳил низ зиндагист.
Гурези мавҷ аз пои он низ.

Санг то он даме ки побарҷост,
аз шамшери мавҷҳо пуштбонӣ мекунад
шонаи худ
То дуриҳои дур,
То макони нур.

Анҷоми зиндагӣ оғози марг нест.
Оғози зиндагӣ оғози марг аст.
Афтиши ашк аз сари мижгон
падруди бебозгашт аст,
Чун резиши нур аз чашми кӯр.

Рӯзи васли ошиқон рӯзи қатли ишқ аст.
Рӯзи тапишҳоро гулӯбанд кардан,
Оташро ба об афкандан.

Хоб зиндагист, агар дар он умеди бедорист.
Вале хӯрдан хобидан аст.
Зистан биомӯзед, зеро он танҳо
тапидан ва расидан нест,
Зиндагӣ рустан аст аз хеш ва гунҷидан аст дар асрҳо.
Зиндагӣ марг аст ба марг.

## ХОБ

Абри гардун – марди деҳқон
Дар замини осмон.
Донаи истора мекорид дар фасли баҳор,
Донаҳои беқарор.

Он қадар саргарми кор аст,
Мезанад бар рӯи кишти худ каланд,
Мӯйсафеди абр андар киштзорони баланд.

Мехурад гоҳе каландаш рӯи санги хорае,
Мепарад ҳар сӯ шарора.
Дар миёни киштзори осмони беканора.

Мекунад он гаҳ дамаш рост,
Метаконад аз ҷабинаш донаҳои обу борони арақ.
Мерасад бар рӯи ман
Қатрае чанд.

Мешавам аз хоб бедор,
Бар машомам мерасад аз пуштаҳо бӯи баҳор.

## ИНТИЗОРӢ

Фарҷоми як сукути шаб
тавлиди субҳ кард.
Дуд – шеъри оташи баргҳои хазон,
Хониши сӯзноке дошт бар гӯши чашмҳо.

Борон –
ашки духтари абр,
пас аз бими ғуриши деви тундар
зи мижаи бомҳо ба роҳи гурез рафт,
Барг бо барг нармак ҳадис аз бод мегуфт.

Дарё – марди роҳи дур,
Обилаи ҳубоб дар по
Меомад ба зӯр.

Умеди омадани ту ҳанӯз,
бо ҳар садо панҷа бар дари дил мезад.

Чӣ интизорие, ки тӯлаш баробари қарне
Ва дарсаш ин ки фарҷоми ҳар обастанӣ ҳамл аст.

# ОХИРИН УМЕД

Чӣ фасле гарм,
Гармояш пур аз сардӣ.
Ва фарсаххо миёни гармию дилгармӣ афтода.

Ва дар чоҳи гулӯи зиндагонӣ қатраобе не,
Дар он ҷо Юсуфи уммед дармонда .
Садои ҷӯйборон дар гулӯ баста,
Ва чашми кӯлҳо бар осмонҳо чор.
Ба рагҳои замин аз хуни дарёҳо талотум гум,
Намонда чашмҳои чашмаҳоро ашки маҳзунӣ.

Замин чун модари раҳпо
Нишаста зери айвони фаромӯшию кулфатҳо.
Зи чашмаш нуру зӯр аз мушти ӯ рафта
Ниҳода пушт бар девор
Нигоҳаш чун нигоҳи интизорон аст,
Умеди охиринаш бозгашти абру борон аст.

## ҶОМИ БУЛӮРИН

Ту яке ҷоми булӯринӣ ҳанӯз,
Ки ба каф ойиву бахшойӣ ба кас сармастӣ.
Нӯш кардан зи лабат мастии дигар дорад.

Ту яке чашмаию поктар аз имонӣ,
Ташнагони лаби нӯшинатро
Ҳамчу раҳгум ба биёбон
Зиндагибахштар аз Уммонӣ.

Ту яке ҷоми булӯрин ҳастӣ,
Ки ба ман аз ту расад сад мастӣ.

## ШАБ

Шаб – уқёнуси партовҳои рӯз,
Зиндони зиндаҳои маҳкум ба марги сабук
Водии сукутҳову хамӯшиҳо.
Заҳрпечаке дар ҷисми рӯшноӣ,
Хазоне дар баҳори як субҳ.

Шаб – раҳбари Хизр дар зулмот,
Раҳзани Сикандар аз Оби ҳаёт.
Эй шаб,
Ту дар пуштвори худ ҳама чиз дорӣ,
Ба ҷуз бедорӣ.
Ту айбпӯши ҳазорон гуноҳӣ,
Шабравонро дар худ бипаноҳӣ.

Аз ту ба Офаридгор шиква хоҳам бурд,
Ту сазовор ба зиндони умри абадӣ.
Сазовор ба шиканҷа.
Ай Худованд!
Шабро биёмурз,
То наҷот ёбад:
Аз торикии қалб
Аз ҳамдастӣ бо марг, бо иблис, бо хато,
То наҷот ёбад аз хатар
То бипайвандад бо рӯшноӣ, бо саҳар.

## ҶОНИ ДЕҲ

Шед мисли қатраи ашки сапеда,
Аз сари мижгони кух̣,
шорад ба домони замин.
Абри пире раҳгузар, чин дар ҷабин
Дасти худро дода бар чанголи бод,
Бод ӯро карда имдод,
Меравад пиронасар аз хеш ношод.

Шеҳаи дарё, ки шаб чун аспи маст
Омадӣ бар гӯш, шуд оҳиста паст.

Деҳаи хобида чун тифли саҳар
Мешавад аз хоб бедор.
Занги деҳ – зангӯлаи гаҳворааш,
Мекунад даъват ба кор.

Медавад хун боз бар шарёни деҳ
Бо даву ғеҷи ҳама тифлони деҳ.
Зиндагӣ оғоз мегардад зи нав,
Тифлакон чун ҷони мову ҷони деҳ.

# ҲАДЯ

Туро чун ҳадя мебахшам,
Барои он касе, ки беш аз ман дӯстат дорад.
Туро ман, эй умеди зинда будан,
бар касе бахшам,
Ки овои туро аз байни тӯфонҳо
ва ё аз дурҳои дур бишносад.
Миёни сардию гармӣ, миёни ишқу армонҳо...
Туро ҷӯяд, туро ёбад, туро хонад ба сӯи хеш.
Бароят ҳадяҳо созад:
замину осмон не,
кӯҳу дарё не,
зару симе на, дунё не.
Бароят бахт бахшояд,
Ва ё ки аз ҳарири ишқи покаш рахт бахшояд.

Туро ман бар касе бахшам,
Ки аз рангинкамони мижжаҳоят
абрию боронии қалбат кунад эҳсос,
Ва аз чашмони обии ту хонад ҷумла армонат.
Туро дар парниёни ишқи худ печад
ба мисли тифли навзоде
Бароят алла хонад аз китобе, ки саропояш,
Хату авроқу рангаш,
нуктаву ҳарфу ҳиҷояш, мағзу афкораш,
ҳикоёташ,
Тамоми ояҳояш, ҷумла тафсираш
Баёни дӯстдорӣ бошаду аз ҷонсупурданҳо.
Бале, бахшам
Вале оё

Дар ин дунё
Шавад пайдо
Касе, к-ӯ ҷонфидо бошад ба мисли ман
Ва аз озори ту афзун шавад меҳраш.
Барои чун туе Яздони покам
офарида чун мане якто
Тани танҳо.
Ва то он лаҳзае, ки зиндагонӣ дар ниҳоди ман
Пур аз амвоҷу тӯфонҳост
Ва ё ҳамранги хун дар ҷӯи шарёнам бувад ҷорӣ,

Касеро дар муҳаббат ҳамдилу ҳамсанги
ман пайдо нахоҳӣ кард,
Бале ,то умр ҳаст,
Ҳамранги ман дар зери гардун ку?
Агар боре шавад пайдо, дигар монанди
Маҷнун ку?

## БАҲОР

Баҳор ҳамеша дар ман аст,
Зеро қалбам пайваста дар тапиданҳост
Ва рӯй сӯи осмонҳо дорам.
Рустан, сабзидан, туғён кардан,гармӣ бахшидан,
рабудан, рамидан
аз баҳор бар ман расида.

Бале, баҳор ҳамеша дар ман аст.
Ӯро парастиш кунам ва дӯст дорам,
Зеро аз ӯ нозанинтар ва анбаринтар,
Аз ӯ ширинтар ва рангинтар,
Аз ӯ меҳрубонтар Худованд дигаре
наофарида.
Лабони ӯ шаҳдбор,
Оғӯшаш тарона аз гулзорҳо дорад.
Дар атри гесувони обшораш
накҳати Биҳишти Худовандист.
Бале, баҳор ҳамеша дар ман аст,
Ба таронаҳояш гӯш фаро медиҳам,
Ба амвоҷу туғёнҳои дилаш ғарқ мегардам.
Сабзазорони танашро мекашам оғӯш,
Мешавам мадҳуш.

Садои мавзуни борон,
Оҳанги гӯшнавози ҷӯйборон,
Насими дилошӯби марғзорон,
Забони рози ошиқонаи баҳор аст.

Оре, баҳор дар ман аст ва ман дар ӯям
Зиҳӣ ин ба ҳам буданҳо, ки рӯй сӯи рушноӣ
ва ҷовидонаҳо дорад.

## НАРӮЗ МУБОРАК!

Наврӯз шуду чархи куҳан боз ҷавон шуд,
Сад чашмаи яхбаста зи нав боз равон шуд,
Булбул ба сари шохи гул омад, ба фиғон шуд,
Эй пиру ҷавон, лолаи Наврӯз муборак!
Айёми гулафшонию фирӯз муборак!

Аз омадани лола замин тозаву тар шуд,
Ҳар гул ба чаман парчами шодию зафар шуд,
Ҳар ғунчаи бишкуфта ба умеди самар шуд,
Эй пиру ҷавон, лолаи Наврӯз муборак!
Айёми гулафшонию фирӯз муборак!

Гулдухтаракон мӯи сияҳро зада шона,
Хандида бароянд чу гул аз дари хона,
Олам ҳама пур мешавад аз ишқу тарона,
Эй пиру ҷавон, лолаи Наврӯз муборак!
Айёми гулафшонию фирӯз муборак!

## ОХИРИН УМЕД

Шеър, эй меърочи дил,
Эй боли парвози баландиҳо,
Эй хамӯшии лаби гӯё.
Гармие дар синаҳои сард,
Марҳаме бар захмҳои ҳар дили пурдард.
Мумиёи пораҳои дил,
Охирин чилди китоби ишқ
Дар чаҳони пуртакопӯ охирин уммед,
Ин туӣ, эй шеър, эй шеъри сафед.

## МАРГИ ХУШКСОЛӢ

Баъди марги хушксолӣ осмон
Ҷомаи мотам зи абри тира кард.
Ашкҳои интизории дарахт аз шохи
мижгонаш чакид,
Зери пилки барг чашми сояҳо бар хоб рафт.
Сабзҷонӣ ҳам раҳоӣ ёфт аз банд
Дар қатори дигаре чанд.

Офтоб
Бо ҷурми қатли сабзаву гулҳо
паси кӯҳе азим
Гашт зиндонӣ.
Қалъаи ғам рахна гардид,
Шодмонӣ ҳар куҷо
Гардид арзонӣ.

## ШЕЪРИ ШАБНАМ

Ту дар рӯи замин
Монанди шабнам рӯи барги гул
Дурахшон қатрае ҳастӣ, ки дар худ як ҷаҳонеро
бигунҷонӣ.
Ҷаҳоне, ки бувад болотар аз пиндорҳои нек,
Ва равшантар зи ҳар нуре,
Ва ширинтар зи шаҳду орзуи дидаи кӯре.

Ту ҳамтоӣ ба он як қатра шабнам,
К-ӯ чакида рӯи барги гул,
Ба дида поктар аз ишқ
Ва роҳатбахтар аз шавқи лаззатҳо.

Ту шеъри шабнамӣ, балки
Дами субҳ аз дурахше гаштаӣ тавлид
Ва дар худ кардаӣ ҷо як ҷаҳонеро,
Ки лабрез аз малоҳатҳост,
Ва гӯётар зи ҳусни моҳрӯён аст.
Ба дида поктар аз ишқ,
Равшантар зи ҳар нуре,
Ва ширинтар зи шаҳду чун шифо бар дидаи кӯре.
Ту шеъри шабнамӣ, оре!

## ЭЙ ДАРЁ

Ту, эй Дарё, гузар кун
аз канори чашмае чун ман,
Ба мавҷи зулфу шӯри синаат як лаҳза ғарқам кун,
Ки будан бо ту
пайвастан ба баҳри нотамомиҳост.

## ТУ НАБУДӢ

Ту набудӣ, ман набудам,
На,
Ғалат,
    ки будаму лек
        хабаре зи худ набудам.
На зи оташам сухан буд,
Хабаре набуд зи дудам.

Ҳолиё, чу даррасидӣ ту ба нимаи ҳаётам,
Ба тамоми ҳастӣ эҳсос кунам, ки дар ҳаётам.

## НИШОНИ ПАДАРӢ

*(Ба бародари азизам Донаёр)*

Додарам, додари ягонаи ман,
Барфу борону жола – Донаи ман.
Ифтихору сари баландам ту,
Такягоҳу сутуни хонаи ман.
Сурату китфу шонаи падарӣ,
Монда дар ту нишонаи падарӣ.
Ёдгори ягонаи падарӣ,
Дар лаби бому хонаи падарӣ.
Чун либоси падар ба бар кардӣ,
Умри худ сарфи кӯҳу ҷар кардӣ.
Хонаат дашту сангро болин,
Ҳамчу мерос зери сар кардӣ.
Гургро канда пӯст ангуштат,
Бабр гашта дупора аз муштат.
Он чиро ки Худо ба ту дода,
На ба ман доду на ба сад пуштат.
Аз каломи ҳадиси пайғамбар,
Дидаам дар барат зиреҳу сипар.
Дӯст дорӣ ту адли Нӯширвон,
Душмани туст Чингизу Санҷар.
Панди Саъдист дар лабони ту,
Панди Ҳофиз ба мағзи ҷони ту.
Рустаму Рахшро зи Шаҳнома,
Эзидат карда пуштбони ту.
Чун нишони ягонаи падарӣ,
Дар лаби бому хонаи падарӣ.
Кош, ҳамчун ливо ба ҳар айём
Бикунад қомати ту ҷилвагарӣ.

## ҲАСРАТ

Он даме рафт з-ин ҷаҳон Маҳмуд,
Аз дилам то фалак баромад дуд,
Сад дареғи чунин ҷавонмарде,
Боиси ифтихори ёрон буд.

Солимӣ буда ӯ барои Зидеҳ,
Бӯи ӯ рафта аз ҳавои Зидеҳ.
Даву тозаш барои мардум буд,
Буда, балки чу дасту пои Зидеҳ,

Ҳасрато, шаҳсутуни ёрон рафт,
Ошиқи рӯи гулузорон рафт.
Ошиқи сабзаҳо чу борон рафт,
Зеби Гулзор то баҳорон рафт.

Дарди мо бе давои ӯ монда,
Чашми мо сӯи роҳи ӯ монда,
Рафт Маҳмуду дар дили мардум
Аз пасаш оҳу войи ӯ монда.

Он даме рафт з-ин ҷаҳон Маҳмуд,
Аз дилам то фалак баромад дуд.

## ЧАРО МЕБОРӢ, БОРОН?

*(Нимшӯхию нимҷиддӣ)*

Чаро борию борӣ, эй ту борон?
Магар ҳавзи фалак лабрези об аст,
Магар ҷӯи фалакро нест соқӣ,
Ва ё соҳил зи дарёяш хароб аст.
　　　　Чаро борию борӣ, эй ту борон,
　　　　Ҳама хушкидаҳоро кардаӣ тар.
　　　　Заминро гармии хуршед бояд,
　　　　Ки то доне зи қалби ӯ кашад сар.
Чаро меборӣ охир, бош огаҳ,
Ки ҳарчӣ ин заминро гашт бисёр,
Надорад баҳри мардум эътиборе,
Шавад беқадру қимат чун хасу хор.
　　　　Чаро беҳуда меоӣ, ту борон
　　　　Аз он арши баландат сӯи пастӣ?
　　　　Чу дар бориданат хайре набошад,
　　　　Чу орӣ баҳри мардум тангдастӣ?!
Туро деҳқон намебахшад, ки кишташ
Хароби туст, борони баҳорӣ.
Зи оби ҷӯйҳоро лой кардан
Фитода моҳие бар чанг дорӣ?
　　　　Тамоми роҳҳо вайрона аз ту,
　　　　Душанберо набошад ҷӯи софе.
　　　　Ба ҷои об аз дарёи Варзоб
　　　　Ба шаҳриҳо бинӯшонӣ ту кофе.
Чаро борию борӣ ,эй ту борон
Бас аст, охир ,дигар ин ҳафтаборат,
Ба ҷои сабзу хуррам кардани мо
Чаро вайрона кардан шуд шиорат?!

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

Эй дил, ту агар зи дарди ишқ об шавӣ,
Хурдеш ба рӯзу шаб чу маҳтоб шавӣ,
Қадри ту барои ман даме афзояд,
Гар ошиқи гулдухтари Варзоб шавӣ.

Лабҳои ту аз баҳри макидан бошад,
Рӯи ту барои чашм дидан бошад.
Зулфи сияҳат, ки печ дар печ шуда,
Аз боғи ту руста баҳри чидан бошад.

Эй дӯст, биё, ки бе ту хорам имрӯз,
Бар рӯи туву ҳарфи ту зорам имрӯз.
Ҳар ҷо ки равам, ёди ту бар сар ояд,
Ман тоқати дурият надорам имрӯз.

Эй дӯст, тариқи дӯстӣ пешаи мо,
Дар ҳар нафасе зи туст андешаи мо.
Аз обу гили замин бирӯяд ҳама чиз,
Аз обу гили ту сар кашад решаи мо.

Ёрон, ёрон, шумо чӣ хуш ёронед,
Ман ташназаминаму шумо боронед.
Андар дили хок бе шумо хор шавам,
Андар дили худ шумо маро гӯронед.

Ҷаҳон бошад чу як ҷоми булӯрин,
Ки одам андаруни он бувад май.
Аҷал он пири майнӯшест ,нӯшад
Аз ин май то дами маргаш паёпай.

На ҳар кас баъди маргаш зиндагӣ ёфт,
На ҳар санге чу куҳ поядагӣ ёфт.
Фалак лабрези ахтарҳост, лекин
Фақат Хуршед ин тобандагӣ ёфт.

Таваллуд муждаи шодӣ набошад,
Таваллуд муждае аз марг бошад.
Чӣ ҷои сарфарозию паридан,
Ки ҳастӣ шабнаме дар барг бошад.

Фарзанди накӯи падари хеш шавед,
В-аз ҳарчи падар кард шумо беш шавед.
Ҳар ҷо ки гулест боғбонаш бошед,
Ҳар ҷо хорест баҳри ӯ неш шавед.

Дар тирамаҳам чу навбаҳорӣ, эй гул,
Дар кӯҳи дилам чу обшорӣ, эй гул.
Борони баҳорию зи дер омаданат,
Ман хушк шавам, агар наборӣ, эй гул.

Зи оғӯши ту дунё ёфт ин дил,
Баҳори хуштамошо ёфт ин дил.
Зи ҳар як қатраи ашки тари ту
Фиғони баҳру дарё ёфт ин дил.

Лаби дарёву ду дил масти ишқ аст,
Муҳаббат моҳие дар шасти ишқ аст.
Лаби дарё ғараз аз омадан чист?
Ғараз дил доданам бар дасти ишқ аст.

Бихандад дил, агар хандӣ ба сӯям,
Бигиряд дил ,чу дар бандӣ ба рӯям.
Пас аз мурдан чӣ бахт асту чӣ давлат,
Ки чун сабза сари роҳи ту рӯям.

# СУХАНПОРАҲО

Шона меболад, ки созад шона ҳар дам мӯи ту,
Пираҳан менозад аз он қомати дилҷӯи ту.
Шарм дорад ханҷар аз хунрезии абрӯи ту
Ғунча пинҳон гаша андар ҷайби барг аз бӯи ту.

* * *

Аз сари зулфат ҳазорон дил, ки овезон шуда,
Қиссаи зулфат аз ин рӯ ин қадар печон шуда.

* * *

Сад ҳазорон дил сари зулфи туро ҷо кардааст,
Ин қадар бехона дар як хона маъво кардааст.

* * *

Чашми бад аз батни модар тифлро берун кунад,
Кӯча лабрези гадо аз Хизру аз Қорун кунад.

* * *

Нигоҳат аз ҳарири шарм ҳар гоҳе бурун ояд,
Бало мегардаду аз ҳар тараф як ғарқи хун ояд.

* * *

Дар сардии барфи Ватанам гармӣ ниҳон аст,
Ин гармии меҳри Ватану гармии ҷон аст.

# МУНДАРИҶА

Шеъри таровати шабнам ... 3
Гаҳе ки шеър мегӯям ... 5
Марг мемирад ... 6
Ватан ... 7
Чӣ бошад ҳарфи истиқлол? ... 8
Китоб ... 9
Рӯи ватан ... 10
Кӯчабоғи ошиқон ... 11
Зидеҳ ... 12
Ғазал ... 13
Дарди ишқ ... 14
Шифобахш ... 15
Навбаҳори ман ... 16
Фariштаи испед ... 17
Баройи ту ... 18
Нисор бод! ... 19
Саҳари ман ... 20
Тақлид ба Мавлавӣ ... 21
Саҳар созам ... 22
Ишқ агар шер аст ... 23
Тани оина ... 24
Тифли чашма ... 25
Зан ... 26
Зан бувад мисли малак ... 27
Чун садои борон ... 28
Эй бехабар ... 29
Дарди ишқ ... 30
Сайдафкан ... 31
Моҳии тило ... 32
Бо ту ... 33
Бе ту ... 34
Духтари шаб ... 35
Кош ... 36
Лаззати ишқ ... 37
Номаҳо ... 38
Марав ... 39
Ёди ҷавонӣ ... 40
Соҳили ту ... 41
Субҳ ... 42
Тарс ... 43
Зан баҳор аст ... 44
Паноҳ ... 45

Саҷдагоҳи ман........................................................................ 46
Афсонаи ишқ.......................................................................... 47
Фаришта ................................................................................ 48
Шеъри сафед ......................................................................... 49
Бо ту ва бе ту ......................................................................... 50
Нигоҳи гӯё ............................................................................ 51
Фариштарӯ............................................................................ 52
Зистан биомӯз ....................................................................... 53
Хоб ........................................................................................ 54
Интизори................................................................................ 55
Охирин умед.......................................................................... 56
Ҷоми булӯрин........................................................................ 57
Шаб ....................................................................................... 58
Ҷони деҳ ............................................................................... 59
Ҳадя....................................................................................... 60
Баҳор ..................................................................................... 62
Нарӯз муборак! ..................................................................... 63
Охирин умед.......................................................................... 64
Марги хушксолӣ ................................................................... 65
Шеъри шабнам...................................................................... 66
Эй Дарё ................................................................................. 67
Ту набудӣ.............................................................................. 68
Нишони падарӣ .................................................................... 69
Ҳасрат ................................................................................... 70
Чаро меборӣ, борон?............................................................ 71
Рубоӣ ва дубайтиҳо .............................................................. 72
Суханпораҳо.......................................................................... 74

**ФАРЗИН (Маҷнуни Карим)**
**ШЕЪРИ ШАБНАМ**

Муҳаррири ороиш *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 19.06.2012 супорида шуд.
Чопаш 28.06.2012 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 10,5.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумхурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а